PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Чилди.5



ПАРВАРИШИ

# Харбуза ва Тарбуз

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифиро ба ин дастурамал танҳо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дорад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод, номи JICA бояд дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**

Турсунбой Ахмедов - аъзои вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ

ҶамшедТолиҳов -корманди калони илмӣ

**Мушовирон:**

Масаказу Канамото, Хироши Кикучи, Такеши Абе ва Туракул Муродов.

**Душанбе – 2012**

## МУНДАРИЧА


Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ..... 1

Навъҳо ..... 2

Киштгардон ..... 6

Нақшаи мавсимӣ барои кишт ..... 7

Тақвим ..... 7

Интихоби замин ..... 7

Интихоби қитъа дар заминҳои лалмӣ ..... 7

Тайёр намудани тухмӣ ..... 8

Кишт ..... 8

Нигохубин ..... 9

Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ..... 9

Обдихи ..... 9

Ҳосилҷамкунӣ ..... 10

Касалиҳо ва хашаротҳо ..... 10

Касалиҳо ..... 10

Хашаротҳо ..... 13

Тарбуз ..... 16

Навъҳо ..... 16

Парвариши тарбуз ..... 17

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО

Тухми харбуза дар гармии 15-16$^{0}$ С баъди 7-10 рӯзи кишт неш зада мебарояд. Дар сурати аз ин паст будани гармӣ дертар неш мезанад ва дар сурати 8- 10 $^{o}$С паст фаромадани гармӣ тамоман неш намезанад (дар ин ҷо ҳарорати хок дар назар дошта шудааст). Бинобар ин бояд гармии ҳаво барои муътадил неш зада баромадани тухмӣ 25-30$^{o}$ С бошад

Харбуза ба ғайр аз заминҳои обӣ дар заминҳои лалмӣ ва гармхонаҳо низ парвариш карда мешавад. Баъди 16-18 рӯзи нешзанӣ палак ба шохарони медарояд. Дарозии решаи асосии харбузаҳои Осиёи Миёнагӣ ба 3- 3,5 метр мерасад; дарозии ҷамъи шохаҳои як палак ба 20-25 м мерасад. Дар як палак аз 200 то 400 барг афзоиш меёбад. То 5-6 барга шудан палаки харбуза суст нашъунамо мекунад, чунки дар ин давра палак реша медавонад.

Палаки харбуза баъди 25-30 рӯзи неш зада баромаданаш ба гул медарояд. Палаки харбуза гулҳои модина ва нарина дорад, ки фарқи модинааш аз нарина ин аст, ки гули модина аз поён ғура мебандад. Аввалин сабзиш аз тухм палак дубарга шуда, пас аз он баргу пояи зиёд сабзида мебарояд.

Решадавонии палак дар гармии 30-40$^{o}$ С ҳаво беҳтар ба амал меояд. Дар шароити кишти лалмӣ суръати нашунамои палак дар фазаҳои аввалини хаёташ аз палакҳои кишти обӣ чандон фарқ надорад.

Палак шоха ронда, баргҳои нав пайдо мекунад, аммо дере нагузашта ҳосили дуюми палак мепазад ва баъди ин фаъолияти ҳаётии палак паст шуда, баъд мемирад. Чун қоида дар як палак ду, баъзан се харбуза мепазад ва танҳо палакҳои навъи тезпазаки ҳосилаш хурд ба миқдори зиёд ҳосил медиҳанд. Дар палакҳои муқарарии навъҳои Осиёи Миёнагӣ ҳосили сеюм ва чорум баста шавад ҳам, аммо ҳеҷ гоҳ ба андозаи даркорӣ намерасад ва нағз намепазад.

Танҳо аз давраи гулкунӣ сар карда таъсири шароити сохти хоку намии ҳаво зоҳир мегардад ва рӯзона агар ҳаво хеле тасфад дар натиҷа палаки лалмӣ, назар ба палаки обӣ сустар нашуънамо мекунад.

Давомнокии давраи аз неш зада баромадани палак то пухтани ҳосил ба тезпазии навъҳо ва ба ин ё он гурӯҳи харбуза мансуб будани онҳо вобаста аст. Вобаста аз хусусиятҳои биологии навъҳо давраи неш зада баромадан то ҷамъоварии ҳосил 65-140-рӯзро дар бар мегирад. Палаки харбуза дар баробари гармӣ нисбат ба рушноӣ ҳам хеле серталаб мебошад.

Андозаи зиёди гармӣ ва рушноие, ки дар Тоҷикистон дар зарфи тамоми мавсими нашъунамо мавҷуд аст, барои руёнидани харбузаи ҳатто дерпазтарин ҳам шароити мусоид ба ҳисоб меравад.

# НАВЪҲО

Намунаҳои харбуза, аз рӯи классификасияи («Дастур доир ба апробасияи зироатҳои хоҷагии қишлоқ», ҷилди VI) ба чунин намудҳои мӯҳлати пухташон гуногун, сифату ҳосилнокӣ тақсим карда мешаванд:

***1. Ҳандалак***

***2. Тобистонии мулоим***

***3. Тобистонии карсак***

***4. Тирамоҳию зимистона.***

*Ба гурӯҳи намудҳои* ***ҳандалак***; Замча (Зомбуча), Ҳандалак-кӯкча-14, Ҳандалаки зард, Ҳандалаки сафед дохил мешаванд. Ҳандалак дар мӯҳлати 65-75 рӯз пухта мерасад. Вай асосан гирд ё андаке гирди пачақ, баъзан каме ба тилимҳо тақсим шудаю зард, зардча, сабз ё сафеди тӯрдор ё бе тӯр буда, одатан ҳаҷмаш хурд мешаванд. Мағзи ҳандалак мулоиму тордор аст, он қадар ширин намешавад. Қимати асосии навъҳои ҳандалак дар он аст, ки тезпаз мебошанд. Дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ҳосил дар 20-ӯми июн пухта мерасад. Дар дигар минтақаҳо чанде дертар мепазад. Ҳоло бошад барои ба даст овардани ҳосили ниҳоят барвақтӣ ҳандалаку навъҳои харбуза, онҳоро дар зери плёнкаи полиэтиленӣ парвариш менамоянд.

| Хандалаки зард | | |
|---|---|---|
|  | **Тасниф:** | Зудрас |
| | **Вазн:** | 0.9-1.8кг |
| | **Давраи пухта расидан:** | 70-80 рӯз |
| | **Хосил (с/га):** | 170-200 с/га |
| | **Эзох:** | Пешпазак буда, ба касалихо тобовар мебошад |

***Гурӯҳи харбузаи тобистонии мулоимгӯшт*** навъҳои бисёре дорад ба монанди: Амирӣ, Ассадӣ, Токаш, Алоча, Бӯрикалла, Алопӯчоқ, Дониёрӣ, Лаби обӣ ва ғайра. Онҳо назар ба ҳандалак дертар (дар охири июл) пухта мерасанд ва хеле ширину хушбӯй ва хуштаъм мебошанд. Одатан харбузаи ин гурӯҳ сермағзи латиф ва ширадор буда, гирдамонанд ё тухмшакл ва назар ба ҳандалак калон мешавад. Барои ба ҷойҳои бурдан ин навъҳои харбуза ҷавобгӯй нестанд, зеро мағзу пӯчоқашон бисёр нозуки сероб мебошад. Дар мӯҳлати 70-80 рӯз пухта мерасад.

| Токаш 28 | | |
|---|---|---|
|  | **Тасниф:** | Миёнапаз |
| | **Вазн:** | кг |
| | **Давраи пухта расидан:** | 75-85 рӯз |
| | **Хосил (с/га):** | 230-335 с/га |
| | **Эзох:** | Ба хушки тобовар, намуди зоҳириаш дилкаш |

| Амирӣ | | |
|---|---|---|
|  | **Тасниф:** | Миёнапаз |
| | **Вазн:** | 5 кг |
| | **Давраи пухта расидан:** | 80-90 рӯз |
| | **Хосил (с/га):** | 245-300 с/га |
| | **Эзох:** | Ба касалии пажмурдашавӣ бисёр гирифтор мешавад |

***Гурӯҳи харбузаи гӯшташ карсак***, аз рӯи мӯҳлати пухта расиданашон ба навъҳои мулоимгушт монанд мебошанд. Ин нвъи харбуза дар 80-95 рӯз пухта мерасад. Навъҳои басо бисёрро дар бар мегирад. Навъҳои беҳтарини ин гурӯҳ Кӯкча, Шакарпалак, Ҷӯра-қанд, Донаёрӣ, Шакарпора, Парсилдоқ, Лақаӣ, Зарметанӣ, Зард, Обинабот ва ғайраҳо мебошанд. Харбузаҳои ин гурӯҳ  асосан дарозрӯя, тухмшаклу дукмонанд буда, ранг, пӯчоқ ва тӯрашон ҳархела мешавад. Мағзашон бисёр ширин аст. Харбузаҳои ин гурӯҳ мағзи карсаки сахт доранду вале ҳангоми ниҳоят пухтарасиданашон, ё давомнок нигоҳ доштан, мулоим шуда, бетаъм мешаванд. Бисёр навъҳои ин гуруҳи харбуза барои кашондан қулай буда, баъзе аз онҳоро то 15-20 рӯз нигоҳ доштан мумкин аст.

| Обинабот | | |
|---|---|---|
|  | **Тасниф:** | Миёнапаз |
| | **Вазн:** | 2.6-3.8 кг |
| | **Давраи пухта расидан:** | 79-80 рӯз |
| | **Хосил (с/га):** | 300-400 с/га |
| | **Эзох:** | Ба камобӣ ва касалиҳо тобовар мебошад |

## Ҷураканд



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Вазн:** | 2-3 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 80-90 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 200-280 с/га |
| **Эзох:** | Барои нигоҳ доштану кашонидан он қадар тобовар нест, ба касалии пажмурдашавӣ тобова мебошад |

## Зарметанӣ



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Вазн:** | 4-5 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 70-75 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 180-220 с/га |
| **Эзох:** | |

## Харбузаи Зард



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Зудрас |
| **Вазн:** | 1.8-2.5 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 65-80 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 195-420 с/га |
| **Эзох:** | |

## Парсилдоқ



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Дерпаз |
| **Вазн:** | 2.6-6 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 110-115 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 325-431 с/га |
| **Эзох:** | Ба ҷойҳои дур кашондан намешавад |

## Мирзочӯлӣ (Сафедтухум, Давлатбоӣ)



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Вазн:** | 5-8 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 80-90 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 280-300 с/га |
| **Эзох:** | Ба ҷойҳои дурр кашондан қулай мебошад |

***Гурӯҳи харбузаҳои тирамоҳию зимистонӣ,*** навъҳои бисёр надорад. Харбузаи навъҳои ин гуруҳ одатан калонҳаҷм, дернигоҳдошташаванда, ба кашондан ба масофаи дур ниҳоят қулай буда, мағзи ғафси ширини хуштаъм доранд. Хусусияти харбузаҳои ин гурӯҳ дар он аст, ки онҳо бо думчаашон канда шуда, дар палак пурра намепазанд ва ҳангоми ҷамъоварӣ мағзашон сахту қаиш ва бемазза мебошанд. Фақат баъди якуним ду моҳи нигаҳдорӣ мепазанд ва хӯрданибоб мешаванд. Истеъмоли чунин нвъҳо то 4-5 моҳ тӯл мекашад. Чунин хусусияти онҳо имконият медиҳад, ки ин навъҳои харбуза ба ҷойҳои дур кашонида ва ё муддати дароз (то 5 моҳ) нигоҳ дошта шавад. Аз неш зада баромадани тухмӣ то ҷамъоварии ҳосил 110-140 рӯз мегузарад. Навъҳои асосии ин гурӯҳи харбуза Гулобӣ, Гургак, Харбузаи сиёҳча, Бухорӣ-33 Тоқӣ–Қавун, Андархонӣ мебошанд.

**Бухорӣ 33**



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Дерпаз |
| **Вазн:** | 2.7-4.6 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 110-115 рӯз (обӣ) 115-130 рӯз (лалмӣ) |
| **Хосил (с/га):** | 240-360 с/га(обӣ) 120-160 с/га (лалмӣ) |
| **Эзох:** | |

**Андархонӣ**



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Дерпаз |
| **Вазн:** | 3-4.8кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 115-120 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 400 с/га |
| **Эзох:** | |

**Зардтӯр**



| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Дерпаз |
| **Вазн:** | 2.5-3.2 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 98-105 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 270-330 с/га |
| **Эзох:** | |

**Лубиёгӣ (Босволдӣ)**

| | |
|---|---|
| **Тасниф:** | Миёнапаз |
| **Вазн:** | 2.5-4 кг |
| **Давраи пухта расидан:** | 85-90 рӯз |
| **Хосил (с/га):** | 120-290 с/га |
| **Эзох:** | Ба ҷойҳои дур кашондан намешавад |

| Гулобии сабз | | |
|---|---|---|
|  | **Тасниф:** | Дерпаз |
| | **Вазн:** | 3-4 кг |
| | **Давраи пухта расидан:** | 130-140 рӯз |
| | **Хосил (с/га):** | 280-360 с/га |
| | **Эзох:** | |

## КИШТГАРДОН

Шолӣ барои кишти харбуза беҳтарин зироати пешинакишт мебошад. Баъди шолӣ дар заминҳои марғузору ботлоқӣ касалии пажмурдашавӣ ба дараҷае, ки дар заминҳои кӯҳнашудгор ба амал меояд, рӯй намедиҳад. Дар заминҳои бекорхобидаи соҳилӣ бе истифодаи ғизои иловагӣ харбуза коштан мумкин аст. Дар ин шароит палак хеле калон шуда, ҳосили зиёд медиҳад дар мавридҳои дигар барои ба даст овардани ҳосили фаровон нурӣ андохтан даркор аст.

Дар киштгардон харбузаро баъди юнучқа кишт намудан ба толаботи биологии зироат мувофиқ буда, ба гардиш даровардани заминро осон мекунад. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки чӣ дар заминҳои юнучқазори дусола ва чӣ сесола кишти харбуза як хел ҳосил медиҳад. Ҳосили харбуза дар заминҳои кӯҳнашудгор, ҳатто ҳангоми андохтани пору ҳам пастар мешавад. Ба сифати зироатҳои пешинакишт лӯбёгиҳо сабзавот ва картошкаро ҳам интихоб кардан мумкин аст. Дар ин ҳол харбуза ҳосили хуб медиҳад.

***Киштгардон барои кишти полезиҳо***

| **Нақшаи – А** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Соли – 1** | **Соли – 2** | **Соли – 3** | **Соли – 4** | **Соли – 5** |
| Полезиҳо | Юнучқа | Юнучқа | Памидор | Полезиҳо |
| **Нақшаи – Б** | | | | |
| **Соли – 1** | **Соли – 2** | **Соли – 3** | **Соли – 4** | **Соли – 5** |
| Шолӣ | Полезиҳо | Ҷуворимака | Картошка | Пиёз |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ТАҚВИМ




### ИНТИХОБИ ЗАМИН

Барои парвариши ҳосили хушсифату баланди харбуза интихоби қитъаи замин аҳамияти калон дорад. Беҳтараш ин гуна қитъаҳоро аз заминҳои бекорхобида ё аз нав азхудшуда интихоб кардан мувофиқи мақсад мебошад. Масалан, дар водии Вахш, ба кор даровардани заминҳои нав аз кишти харбуза ё тарбуз сар мешавад. Дар соҳилҳои дарё, дар поёнобҳои он заминҳои ҳосилхезе ҳастанд, ки бисёр моддаҳои органикӣ дошта, таркибашон сабук мебошад; ин гуна заминҳо барои парвариши харбуза ҷавобгӯ мебошанд. Баланд будани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯр будани замин барои кишти тамоми навъҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар соҳили регдори дарё ҳам харбуза ҳосили хуб медиҳад. Дар як майдон чанд сол кишт намудани харбуза ба мақсад мувофиқ нест. Чунки ин ба афзоиш ёфтани касалии пажмурдашавӣ оварда мерасонад ва ҳосили харбуза хеле паст ва ё тамоман нобуд мешавад. Дар худуди як замин кам аз баъди 4-5 сол харбуза кишт намудан мумкин аст.

### ИНТИХОБИ ҚИТЪА ДАР ЗАМИНҲОИ ЛАЛМӢ

Барои кишти лалмии харбуза ҷойҳои пастие, ки дар он намӣ зиёд ғун мешавад, инчунин нишебҳои шимолӣ ва шимолу ғарбиеро, ки дар рӯзҳои гарми тобистон камтар метафсад интихоб кардан афзалятнок мебошад. Дар заминҳои лалмӣ харбуза ба касалии пажмурдашавии фузариозӣ гирифтор намешавад.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ТУХМӢ

Тухмии харбузаро пеш аз кишт дар муддати 12-24 соат дар оби гарм тар намудан лозим аст. Тухми харбузаро низ ба мӯҳлати як чанд рӯз пеш аз кишт тар карда ҳаррӯз обашро иваз менамоянд, тухмӣ бояд дар ягон матои пахтагин гирифта шавад.

Ин омилҳо барои тез неш зада баромадани тухмӣ гузаронида мешавад. Ин барои кишти дасти пешбини шудааст. Инчунин тухмиро хушк низ мешинонанд. Баъди кишт кардан тухми харбуза, бояд ба болои ҳар як чуқурак миқдори муаяни пору ё ин, ки аррамайда рехта шавад. Ин кор барои нигаҳдории намии хок ва аз сафолакбандии баъди борон гузаронида мешавад.

## КИШТ

Муҳлати кишти барвақти дар зери плёнка аз 25 феврал то 1 март ҳисоб меёбад, бе истифодабарии плёнка аз 20 март.

Харбузаро аз рӯи нақшаи кишти 170х80х60 см кишт менамоянд. Дар ин ҷо 170 см байни пуштаҳо 80 см байни қаторҳо ва 60 см байни растаниҳо дар як қатор мебошад. Тухмиро ба лоначаҳо ба миқдори  2 дона дар як лона дар чуқурии 2-3 см шинондан лозим аст. Сарфи тухмӣ дар як гектар 2-4  килограммро ташкил медиҳад.



## НИГОХУБИН

### ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

| | Мӯҳлати истифодабарӣ | Номгӯи нуридихо | Меъёри истифодабарӣ (кг /га) |
|---|---|---|---|
| 1 | Пеш аз шинондани ниҳол | Нуриҳои органикӣ | 15-20,000 (15-20 t) |
| | | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 120 |
| | | Сулфати калий | 100 |
| 2 | Ҳангоми 3-4 барга шудан | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) | 100 |
| | | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 100-150 |
| | | Сулфати калий | 50 |
| 3 | Ҳангоми 50-70 см шудани дарозии палак | Нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) | 200 |
| | | Нуриҳои фосфорӣ (аммофос ё суперфосфат) | 100-150 |
| | | Сулфати калий | 50 |

### ОБДИҲӢ

Дар комплекси нигоҳубини кишти харбуза обмонӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Вобаста ба чуқурии обҳои зеризаминӣ, хосияти хок, муддати обмонӣ хеле гуногун шуданаш мумкин аст. Баъди кишт як ду маротиба об дода, баъди он киштзор бо каланд нарм карда мешавад ва барои нағз сабзидани палак ва дароз реша давондани он обмониро даҳ рӯз манъ мекунанд.

Ҳангоми пухтани ҳосили аввалин ҳам обмониро даҳ рӯз нигоҳ медоранд, ки ин боиси бештар шира гирифтани ҳосил мегардад. Дар маҷмӯъ киштзори харбуза вобаста аз минтақаи парвариш ва навъи ин зироат бояд аз 7то11 маротиба об монда шавад.

Дар рӯзҳои гарми тобистон додани об ба палаки харбуза қатиян манъ аст. Чунки яке аз сабабҳои ба касалии пажмурдашавӣ гирифтор шудани харбуза ин дар рӯзи гарм об додан мебошад. Обро ба палак бегоҳи ё шабона медиҳанд.

## ҲОСИЛҶАМКУНӢ

Дар чараёни пухтан миқдори моддаҳои хушк ва қанд зиёд мешаванд. Дилаи мева сершира ва мулоим мешавад. Ҳангоми пухтан ранги пӯсти мева дигаргун шуда, бӯи форам ба вуҷуд меорад. Думчаи мева ба осони ҷудо мешавад. Навъҳои зимистона ҳангоми нигоҳ доштан дар анборҳо пухта мерасанд. Ҳосилро дар рафҳои анборҳо болои 10 см қабати тагандози коҳ чида мемонанд ё овезон карда нигоҳ медоранд. Барои нигоҳ доштан бояд, ҳарорат аз 0 то 5 дараҷа, намнокии нисбии ҳаво 80 то 85 % бошад.

Ҷамъоварӣ  намудани ҳосили тарбуз ба нағз пухта расидани меваҳо вобаста буда, давра ба давра гузаронида мешавад.

## КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО

### КАСАЛИҲО

#### Пажмурдашавии кадугиҳо




**<u>Нишонаҳо:</u>** Аз ин касали харбуза, тарбуз ва каду зарари калон мебинанд. Пажмурдашавӣ метавонад дар ду намуд: оҳиста-оҳиста ва босуръат зоҳир гардад. Дар мавриди аввал пажмурдашавии баргҳо оҳиста-оҳиста рангпарида мегарданд, баъд хушк мешаванд. дар доираи гардани реша ранги бӯр пайдо гашта, вайрон ва мулоим мегардад. Дар бофтаи осебдида дар бештари ҳолатҳо Гарди сафеди замбуруғи дида мешавад. Дар намуди босуръат пажмурдашавӣ, растаниҳо ранги сабзи худро гум накарда нобуд мешаванд. Талафот аз ин касалӣ ба андозаи хеле зиёд, то пурра нобудшавии киштзор расиданаш мумкин аст.

**<u>Чораҳо:</u>**

Агар тухми харбузаро ба болои пушта, аз хат- ти обрас болотар кошта, хоки атрофи бехи палакро нарм кунанд, онро хоккаш намоянд ва ба гардани решаи палак об нара сад ин касалӣ хеле кам мешавад ва ин яке аз омил ҳои мубориза ба зидди ин касалӣ ба ҳисоб меравад. Инчу нин тухмиро пеш аз кишт бояд заҳролуд кард. Тухмиҳоро бояд бо заҳрҳои Витавакс200Ф бо меъёри 3литр дар 1тонна, Бронотак бо меъёри 6кг дар 1тонна ё Суми-8 ФЛО 1.5

литр дар 1тонна захролуд кард. Меъёри об барои коркарди 1тонна тухми 10литр-ро ташкил мекунад.

## Гардзании кадугиҳо




**<u>Нишонаҳо:</u>** Гардзании кадугиҳо ба харбуза, тарбуз ва каду осеб мерасонад. Дар ибтидо дар қисми болоии баргҳо Гарди сафед, дар шакли доғҳои ҷудогона пайдо мешаванд, ки сипас бо ҳам омезиш ёфта, тамоми сатҳи баргро мепушонанд. Дар мавриди инкишофёбии шадиди касалӣ баргҳо хушк мешаванд. Замбуруғ дар боқимондаҳои растанӣ боқӣ мемонад. Касалӣ дар нимаи дуюми тобистон хуруҷ мекунад.

**<u>Чораҳо:</u>**

Фунгисидҳои Байлетон 5% х.ҳ. 0,3-04л/га, 10гр дар 10л/об, Ридомил голд МЦ 68% х.ҳ. бо меъёри 25гр дар 10л.об, Топаз 10% к.э. бо меъёри 6 мл дар 10л. об, Олтингугирд 80% хока бо меъёри 20кг дар 1 гектар, ба муқобили касалиҳои гардзанӣ ва переноспорос дар давраи нашъунамо истифода мебаранд. Инчунин моеъи Бородоссии 1%-ро ба муқобили касалии гардзанӣ ва перенос пороз дар давраи нашъунамо истифода мебаранд. 100гр. даҳани фаранг (купороси мис), 100гр. оҳак, 10л.об, аввал даҳони фарангро алоҳида дар 1л. об маҳлул мекунанд, баъд оҳакро низ дар 1л.об маҳлул мекунанд. Сипас оби оҳакдорро дар 8л.об омехта карда баъдба болояш маҳлули даҳони фарангро, ҳамин тавр моеъи 1фоизаи Бородоссӣ тайёр мешавад.

## Переноспорози кадугиҳо




**Нишонаҳо:** Дар қисмати болоии баргҳо бештар доғҳои сиёҳтоби зардчаю кунҷшакл ва дар қисмати поёнӣ гарди сафечаи хокистарии бунафранг пайдо мешаванд. Дар якҷоги доғ ва гард тамоми сатҳи баргро осеб мерасонад. Баргҳои касал зудшикан шуда пора мешаванд. баъзан аз онҳо танҳо думчаҳо боқӣ мемонанд. Баргҳо дар ҳавои намнок пажмурда мешаванд.

**Чораҳо:**

Фунгисидҳои Байлетон 5% х.ҳ. 0,3-04л/га, 10гр дар 10л/об, Ридомил голд МЦ 68% х.ҳ. бо меъёри 25гр дар 10л.об, Топаз 10% к.э. бо меъёри 6 мл дар 10л. об, Олтин- гугирд 80% хока бо меъёри 20кг дар 1 гектар, ба муқобили касалиҳои гардзанӣ ва переноспорос дар давраи нашъунамо истифода мебаранд. Инчунин моеъи Бородоссии 1%-ро ба муқобили касалии гардзанӣ ва перенос пороз дар давраи нашъунамо истифода мебаранд. 100гр. даҳани фаранг (купороси мис), 100гр. оҳак, 10л.об, аввал даҳони фарангро алоҳида дар 1л. об маҳлул мекунанд, баъд оҳакро низ дар 1л.об маҳлул мекунанд. Сипас оби оҳакдорро дар 8л.об омехта карда баъдба болояш маҳлули даҳони фарангро, ҳамин тавр моеъи 1фоизаи Бородоссӣ таёр мешавад.

## Алафҳои бегона:



**Нишонаҳо:** Аз алафҳои бегона ба кишти харбуза шумгиёҳи мисрӣ зарар мерасонад. Растании муфтхури яксолаги решагӣ мебошад. Ба воситаи муякчаҳои решааш аз ҳисоби решаи харбуза ғизо мегирад ва нашъунамо мекунад, ки ба нобудшавии растании харбуза оварда мерасонад.

**Чораҳо:**

Бо эҳтиёт аз бехи палаки харбуза ба даст канда ҷамъ оварда баъд керосин пошида онро оташ задан даркор, чун, ки тухмаш норасид аст ва пеш аз расидан онро бояд нест кард. Бояд бо эҳтиёт кандан даркор аст, ки ба палаки харбуза зарар нарасонем махсусан ба решаи он.

## ХАШАРОТҲО

### Ҳашаротҳои зарaррасон - Момохолаки полезӣ- эпиляхна




Момохолаки полезӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ ва зироатҳои кадугиҳо зарар мерасонад. Бештар бодирингу харбуза зарар мебинанд. Гамбусакҳо ва кирминаҳо, қисмҳои мулоими баргро хӯрда нобуд мекунанд. Гамбусакҳо зимистонро дар зери боқимондаҳои растанӣ, кулухпораҳо, дар таги дарахтон зери баргҳои рехта мегузаронанд. Аз ҷои зимистон гузарониашон моҳи апрел мебароянд.Гамбусакҳо дар киштзори зироатҳои полезӣ пайдо гашта аз баргҳо ғизо мегиранд. Дар ҳамин вакт ҷуфт гашта, дар таги баргҳо дар шакли тӯда тухмашонро мегузоранд. Кирмҳо аз тухм баромада тӯда шуда зиндаги намуда ҷойҳои мулоими баргҳоро хурда танҳо рагҳо боқи мемонанд. Ҳамчунин меваҳоро осеб расонда, мехоянд ва дар танаи онҳо аз худ чуқуриҳои андозаашон гуногунро боқи мегузоранд. Дар як сол ҳашарот 3-4 насл медиҳад.с

**Чораҳо:**

Инсектисидҳои Арриво 25% э.к.-0.24-0.32л/га яъне 5мл дар 10л/об; Десис 25% э.к. – 0.25-0.5л/га, 25мл дар 10 л/об; Суми –Алфа 5% э.к. -0.3-0.5л/га-10мл дар 10л/об Маспилан 20% х.ҳ.-0.15-0.3кг/га- 10гр дар 10 л/об дар давраи нашъунамо истифода мебаранд.

- Бартараф ва нобуд кардани алафҳои бегона
- Шудгори чуқури тирамоҳӣ ва яхобмонӣ
- Саривақт истифодаи заҳрихимикатҳо
- Заҳролудкунии тухмиҳо пеш аз кишт
- Истифодаи дурусти кишгардон
- Риояи қоидаҳои агротехникӣ

### Ширинчаи полезӣ




Ширинчаи полезӣ– саросар ба ҳамаи зироатҳои кадугӣ зарар мерасонад. Ширинча дар таги баргҳо ҷойгир шуда, шираи баргҳоро макида, боиси печутобхурии онҳо мегарданд ва ҳангоми осеб расонидан ба нуқтаи сабзиш инкишофи зироатро боз медоранд. Бештар растаниҳои ҷавон зарар мебинанд.

**Чорахо:**

Инсектисидҳои Арриво 25% э.к.-0.24-0.32л/га яъне 5мл дар 10л/об; Десис 25% э.к. – 0.25-0.5л/га, 25мл дар 10 л/об; Суми –Алфа 5% э.к. -0.3-0.5л/га-10мл дар 10л/об Маспилан 20% х.ҳ.-0.15-0.3кг/га- 10гр дар 10 л/об дар давраи нашъунамо истифода мебаранд.

- Бартараф ва нобуд кардани алафҳои бегона
- Шудгори чуқури тирамоҳӣ ва яхобмонӣ
- Саривақт истифодаи заҳрихимикатҳо
- Заҳролудкунии тухмиҳо пеш аз кишт
- Истифодаи дурусти кишгардон
- Риояи қоидаҳои агротехникӣ

## Тортанаккана




Ҳашароти ҳамахур ба ҳисоб рафта ба ҳамаи зироатҳо зарар мерасонад. Зимистонро мадинаҳои онҳо дар хок, зери боқимондаҳои растанӣ мегузаронанд. Аз зимистон баромадани онҳо дар даҳрӯзаи якуму даҳрӯзаи дуюми май мушоҳида карда мешавад. Дар давоми тобистон тамоми фасл инкишофи тортанаккана дар қисми таги барг ва дар нуқтаҳои сабзиш мегузарад. Қисми болоии баргро бо торҳояш печонида мегирад. Тортанакканаҳои болиғ ва кирмина аз баргҳо шарбаташро макида растаниро хушк мекунад. Ҳангоми зиёд шудани миқдори зараррасон баргҳо зарду хушк шуда нобуд мешаванд. Дар давоми тобистон тортанаккана якчанд насл медиҳад.

**Чорахо:**

Инсектисидҳои Арриво 25% э.к.-0.24-0.32л/га яъне 5мл дар 10л/об; Десис 25% э.к. – 0.25-0.5л/га, 25мл дар 10 л/об; Суми –Алфа 5% э.к. -0.3-0.5л/га-10мл дар 10л/об Маспилан 20% х.ҳ.-0.15-0.3кг/га- 10гр дар 10 л/об дар давраи нашъунамо истифода мебаранд.

- Бартараф ва нобуд кардани алафҳои бегона
- Шудгори чуқури тирамоҳӣ ва яхобмонӣ
- Саривақт истифодаи заҳрихимикатҳо
- Захролудкунии тухмиҳо пеш аз кишт
- Истифодаи дурусти кишгардон
- Риояи қоидаҳои агротехникӣ

## Магаси харбуза

Магаси харбуза Myiapardalis Pordalina Big



Солҳои охир дар минтақаҳои харбузакори ҷумҳурӣ, зараррасони нав, ки то соли 2003 дар ҳудуди ҷумҳурӣ набуд, пайдо шудааст. Ин зараррасон магаси харбуза Myiapardalis Pordalina Big – мебошад, ки ба ҳосили харбуза  зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ дар солҳои охир қариб дар ҳамаи ноҳияҳои харбузакор  аз кишти харбуза даст кашида истодаанд майдони кишти харбуза бошад хоҳиш ёфта истодааст. Дар асоси таҷрибаҳои илмии Институти боғпарварию сабзавот- кории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон роҳҳои пешгирии зарари ин ҳашарот кор карда баромада шуда, ҳоло ба деҳқонон тавсияҳои зеринро оид ба мубориза бар зидди магаси харбуза пешкаш карда мешавад.

**<u>Чораҳо:</u>**

Пеш аз ҳама риоя кардани қоидаҳои агротехникӣ, аз қабили шудгори чуқури тирамоҳӣ, яхобмонии замини шудгор, кишти барвақтӣ, ба чуқурии на кам аз 50 см гуронидани харбузаҳои аз магас зарардида, аз алафҳои бегона тоза кардани майдони кишт баъди  ҷамъоварии ҳосил.Истифодаи инсектисидҳои зерин: Фюри 10% в.к. 0.07 л/га; Фастак 10 % к.э.  0.3 л/га; Вертимек -1.8% к.э., 0.5л/га. Яъне Фюри 3мл дар 10л/об, Фастак 5мл дар 10л/об ва Вертимек 10мл дар 10 л/об, Моспилан 20 % х.ҳ. 10 мг дар 10 л/об, Конфидор 20 % к.ҳ. 10 мл дар 10 л/об.

Аз рӯи таҷрибаҳои гузаронидашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки магаси харбуза асосан аз давраи пеш аз гулкунӣ сар карда то давраи сахт шудани пусти харбуза зарари худро мерасонад. Коркард бо заҳрхимикатҳо низ бояд пеш аз гулкунӣ сар карда шавад. Коркарди якум пеш аз гулкунӣ, коркарди дуюм баъди аз гул фаромадани 80%-и растаниҳо, коркарди сеюм 10 рӯз баъди коркарди дуюм ва коркарди чорум 10 рӯз баъди коркарди сеюм гузаронида мешавад.

## ТАРБУЗ

### НАВЪҲО



Ниҳолҳои ҷавони тарбуз дар ҳарорати -1° C, палакашро дар -3-5° C сармо мезанад.

| Навъ | Тавсиф |
|---|---|
| **Астраханӣ** | Ин навъ миёнапаз буда, давраи нашъунамояш 95 -110 рузро дар бар мегирад. Мевааш кулула ва ранги сабзро доро аст. Дар таркиби мевааш то 12 фоиз модаҳои хушк ва то 10 -11 фоиз қанд мавҷуд аст. Ҳосилнокии ин навъ 600-700 сентнер аз як гектар дар заминҳои обӣ ва ба 200-250 сентнер дар заминҳои лалми мерасад.Ба хушкӣ ва ба касалиҳо тобовар буда дар шароити Тоҷикистон васеъ паҳн гаштааст. |
| **Сёҳпучоқи вахшӣ** | Ин навъ тезпаз буда, давраи нашъунамояш 80-90 рузро дар бар мегирад. Дарозпалак буда, ҳосилаш кулула, рангаш сабзи сиёҳчатоб мебошад. Вазни ҳосилаш 3-6 кг аст. То 11% моддаҳои хушк ва то 9% қанд дорад. Ҳосилнокиаш 500-700 сентнеро аз ҳар гектар ташкил мекунад. Дар заминҳои лалмӣ 150-250 сентнер мебошад. |
| **Чавкарии маҳалӣ** | Навъи миёнапаз буда давраи нашваш 100-105 рӯз мебошад. Мевааш кулула ва рангаш сабз мебошад.<br>Вазнаш ба 2.5-5 кг марасад. Ҳосилаш то 10% моддаҳои хушк ва то 8% қанд дорад. Ҳосилнокиаш дар заминҳои обӣ то ба 750 сентнер ва дар заминҳои лалмӣ то 250 сентнер мерасад.Ба камобӣ ва касалиҳо тобовар мебошад. |
| **Кузибоӣ** | Навъи дерпаз буда давраи нашваш 110-115 рӯз мебошад. Мевааш кулула ва рангаш сабз мебошад. Вазни ҳосилаш 3-7 кг мебошад. Дар таркиби мевааш то 11% моддаҳои хушк ва то 9% қанд дорад. Ҳосилнокиаш дар заминҳои обӣ 400 сентнер ва дар заминҳои лалмӣ то 250 сентнер мерасад. Ба камобӣ ва касалиҳо тобовар мебошад. |
| **Княжний** | Навъи дерпаз буда давраи нашваш 100-110 рӯз мебошад. Мевааш кулула ва рангаш сабз мебошад. Вазни ҳосилаш 3-8 кг мебошад. Дар таркиби мевааш то 11% моддаҳои хушк ва то 9% қанд дорад. Ҳосилнокиаш дар заминҳои обӣ 600 сентнер ва дар заминҳои лалмӣ то 200 сентнер мерасад. Ба шароити хушки ва касалиҳо тобовар мебошад. |

## ПАРВАРИШИ ТАРБУЗ

Аз сабаби он, ки парвариш, нигоҳубин, нуриандозӣ, муҳлати кишт, тайёр кардани замин, чораҳои мубориза бар зиддӣ касалиҳо ва зараррасонҳо монанд ба зироати харбуза мебошад дар ин ҷо маълумотҳо муфасалтар овада шудаанд.

Тарбуз дар заминҳое, ки оби теризаминиашон чуқур чойигир шудааст хуб нашъунамо ёфта ҳосили хуб медихад. Хокҳои сабуки каме регчадор барои сабзиши хуби тарбуз мувофиқ мебошанд. Дар киштгардон зироатҳои хуби пешкиштшаванда барои тарбуз метавонанд, алафҳои бисёрсола, лубёгиҳо, ғалладонагиҳо, зироатҳои сабзавотӣ ва картошка бошанд.

Тарбуз ба андохтани нуриҳои минералӣ ва органикӣ эҳтиёҷи калон дорад. Дар ҳар як гектар.

***Меъёри солонаи истифодаи нурихои минерали барои Тарбуз аз ҳисоби вазни физикии нурӣ***

| **Номгӯи нуриҳо** | **Меъёри истифодабарӣ** |
|---|---|
| Нурии органикӣ (маҳҳалӣ) | 20-30 т/ га |
| Нитрогени (селитраи аммоний) | 250-300 кг/га |
| Фосфорӣ (суперфосфати мукаррарӣ ё оддӣ) | 300-400 кг/га |
| Калиги (сулфати калий) | 100-150 кг/га |

Нуриҳои минералиро то 50 фоиз ва ҳаммаи миқдори зарурии нуриҳои органикиро дар вақти тайёр намудани замин пеш аз кишт андохта, боқимонда миқдори нуриҳоро дар вақти ғизодиҳии якум ва дуйюм андохтан лозим аст.

Дар вақти ҳарорати ҳаво дар чуқурии 8-10 см ба 12-15 дараҷа гармӣ расидан бояд кишти ин зироат гузаронида шавад. Тухмиро дар мудати 12-24 соат пеш аз кишт дар оби каме гарм тар намудан лозим аст, бо ин роҳ тухмӣ тез неш зада мебарояд. Тухмиро хушк низ мешинонанд.

Тарбузро аз руи схемаи 280х70х70 см ё 270х80х70 см кишт менамоянд. Дар ин ҷо 280 см байни пуштаҳо, 70 см байни қаторҳо ва 70 см байни растаниҳо дар қатор мебошад.

Тухмихоро дар лоначаҳо ба миқдори 2-4 дона дар чуқурии 3-5 см шинондан лозим аст. Сарфаи тухмӣ дар як гектар барои навъҳои майдатухм бояд 2.5-4.5 кг ва барои навъҳои калонтухм 4-5 кг мебошад.

Баъди неш зада баромадани ниҳолҳо ба ягонакунии ниҳолҳо ва коркарди байни қаторҳо шуруъ намудан лозим аст. Ҳангоми яонакунӣ растаниро наканда, поёнтар аз тухмпалла мебуранд.

Бояд дар муддати 12-15 рӯз аз давраи неш зада баромадани ниҳолҳо ягонакунӣ, коркарди якӯми байни қаторҳо ва ғизодиҳии якӯмро ба охир расонда ба киштзор як бор об монда шавад.

Ба гузаштани боз 13-15 рӯз бояд коркарди дуюми байни қаторҳо, ғизодиҳии охирини ниҳолҳо ва рост намудани палакҳо дар пуштаҳо ба охир расонда шавад. Дар байни пуштаҳо набояд алафҳои бегона руяд, онҳоро бояд сари вақт нест кард.

Обмонии тарбузро дар давраи аввал бояд аз рӯи зарурият баъди хар 10-15 рӯз ва баъди гул намудани нихолҳо баъди ҳар 8-10 рӯз гузаронида шавад. Дар маҷмуъ ба киштзори тарбуз вобаста аз минтақаи парвариш ва навъи ин зироат бояд 7-10 маротиба об монда шавад.

Навъҳои пешпазакро дар вилояти Хатлон даҳаи авали апрел дар вилояти Суғд ва водии Ҳисор даҳрузаи дуюми апрел, навъҳои миёнапазакро охири апрел ё даҳаи якуми май, дерпазакро даҳрузаи якуми июн кишт мекунанд. Баъди кишти навъҳои пешпазак ва миёрапазак об намемонанд, чунки дар хок намӣ кофист. Баъди кмшти навъҳои дерпазак ҳатман об мемонанд.

Тарбуз бештар ба касалиҳои пусиши реша, гардзании (мучнистая роса), бактериоз гирифтор мешавад. Бар зидди ин касалиҳо бояд аз заҳрхимикатҳои Хомецин, Ридомил, бо сарфи 20-30 грамми онҳоро дар 10 литр об якчоя карда ба ниҳолҳои тарбуз пошидан лозим аст. Ба муқобили ҳашоротҳо бошад ба монанди тортанаккана, трипс, ширинча ва дигар намуди ҳашаротҳо аз химикатҳои Нурелл-Д, истифода бурдан лозим аст, сарфаи он дар як гектар 1.5-2.0 литрро ташкил медиҳад. Инчунин заҳрхимикатҳои Ридомил ва Нурелл-Д-ро якҷоя карда истифада мебаранд, бо ин роҳ метавон бо як коркард ҳам ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳо мубориза бурд.

PIAS

The Project for Improvement of Agricultural Extension Service through Reinforcing Agrarian Organization in Republic of Tajikistan

**Суроға:**

**тел: (+992 37) 221 44 03**
**ш. Душанбе, х.Рудаки 44,**
**ошёнаи 4-уми бинои Вазорати кишоварзии ҶТ**

Институти боғпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 21А,

тел.: 227 08 01

E-mail: bogparvar@mail.ru

Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур,

Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 146,

тел.: 2246167, 2247198